“Тасдиқ менамоям”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло

03 майи соли 2024

ТАҚРИЗИ

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба рисолаи диссертатсионии Сафари Нусратулло дар мавзӯъи “**АСОСНОККУНИИ ГЕОЭКОЛОГӢ, БЕХАТАР ҶОЙГИРОНӢ, НИГОХДОРӢ ВА ДАФНИ ПАРТОВҲОИ САНОАТИ КӮҲИИ МАЙДОНИ МАЪДАНИИ ЧОРЕ (ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ),** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.1- Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ).

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқот.** Партовҳои саноатӣ истихроҷи маъдан ва истифодабарии онҳо манбаи ифлосшавии антропогении муҳити табиӣ дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад. Масоили партовҳо дар натиҷаи ногузири муносибати истеъмолкунандагон ба сарватҳои табиӣ ва коэффитсиенти ғайри қобили қабул паст будани истифодаи ашёи хоми минералӣ ба миён омадааст.

Айни замон ягона ҳудудҳои экологӣ барои ҷойгиркунии ниҳоии партовҳои истихроҷи маъдан барои минтақаи тадқиқотӣ партовгоҳи Чоре ва қаламравҳои ҳамсоя маҳсуб мешавад.

Дар ҳолати кунунии худ, партовгоҳи Чоре ва ҳудуди он манбаи хатарноки ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии ҳавзаи дарёи Зарафшон ва шохобҳои он ба шумор меравад. Вобаста ба ин, зарурати баҳодиҳии ҳамаҷонибаи миқдори таъсири манфии партовгоҳи Чоре ва

ҳудуди он ба ҷузъҳои муҳити табиӣ ва таҳияи чораҳои пешгирии ифлосшавии минбаъда ва беҳтар намудани вазъи номусоиди экологӣ ба миён омадааст.

Муҳимияти кори илмӣ аз ба роҳ мондани баҳодиҳии ҳамаҷонибаи миқдори таъсири манфии партовгоҳи Чоре ва ҳудуди он ба ҷузъҳои муҳити табиӣ ва таҳияи чораҳои пешгирии ифлосшавии минбаъда ва беҳбуди вазъи номусоиди экологӣ иборат аст.

**Дараҷаи эътимоднокии нуқтаҳои илмӣ.** Дар асоси эътимоднокии муҳимият муаллиф сохтори корро чунин интихоб намудааст, ки ба мақсади таҳқиқот ноил гардида, ҳали ҳамаи масъалаҳои дар пеш гузоштаро ичро намояд.

Аз ин сабаб сохтори таҳқиқот аслан эҳтимоднок арзёбӣ карда мешавад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии рисолаи диссертатсионӣ баланд бардоштани бехатарии геоэкологии майдони партовҳои маъданӣ ва саноатии Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор тавассути ҷорӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои экологӣ, таҳияи тадбирҳо оид ба пешгирии ифлосшавии минбаъда ва беҳтар намудани вазъи номусоиди геоэкологӣ мебошад.

Амали гардидани ин мақсад аз ҷониби муаллиф марҳила ба марҳила ба роҳ монда шуда, дар ҳар яки боби рисолаи диссертатсионӣ тадқиқот гузаронида шуда, бо навовариҳои илмӣ асоснок карда шудаанд.

Эътимоднокӣ ва асосноккунии нуқтаҳои ҳимояшавандаи илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо, ки дар диссертатсия ба даст оварда шудаанд бо усулҳои муосири таҳлилӣ тасдиқи худро ёфтанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Бо назардошти он, ки майдони маъдании Чоре объекти пурра наомӯхташуда маҳсуб меёбад, аз ҷониби мо бори нахуст хусусиятҳои геоэкологии майдони маъданӣ ва таъсири он ба муҳити табиӣ пешниҳод карда мешавад: қонуниятҳои тағирёбии таркиби кимиёвӣ-физикии обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ, қабати грунтӣ дар ҳудудҳои дафни партовҳои саноати кӯҳии партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои

ҳамҷавор ошкор карда шуданд; барои кам кардани талафот аз ҳудуди партов аз сабаби вайроншавии неотектоникӣ бо истифода аз реагентҳои кимиёвӣ муносибати нав пешниҳод карда мешавад; методологияи арзёбии ташаккули партовҳои сунъӣ дар минтақаи партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор таҳия карда шуд; методологияи мелиоратсияи заминҳои аз ҷиҳати техногенӣ вайроншудаи минтақаи партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор таҳия гардиданд; азнавсозии партовҳоии партовгоҳ бо мақсади пешгирии партовҳои истихроҷи маъданӣ ва саноатӣ ва полоиш кардани оби партов аз ҳудуди партовгоҳи Чоре ва ҳудуди ҳамҷавор таҳия карда шуд; андозаҳои оптималии технологияҳои ҳифзи муҳити зист муайян карда шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Рисолаи диссертатсионии Сафари Нусратулло аз 145 саҳифаи матни чопшуда иборат буда чунин сохторро дар бар мегирад: муқаддима, номгӯи ихтисораҳо ва панҷ боб, ки аз таърихи омӯзиш ва шароитҳои геологӣ-географии маъдани тиллонокии майдони маъданӣ (таҳлили адабиёт), хусусиятҳои геологӣ-минералогии ҳосилшавии майдони маъдани тиллодор, масоили ҳосилшавӣ, ғункардан ва дафнкунии партовҳои саноати кӯҳӣ комплекси минералӣ-ашёӣ, тадқиқ ва баҳодиҳии таъсири партовҳои дафншудаи саноатии партовгоҳҳои чоре ба муҳити зист ва коркарди чорабиниҳо оид ба бартараф ва коҳиш додани ифлосшавии минбаъда ва беҳтар намудани ҳолати номусоиди экологӣ, хулосаҳо, тавсияҳо барои истеҳсолот ва номгӯи адабиётҳои истифодашуда. Рисола рӯйхати адабиётҳо 167 номгӯй, 21 расм ва 19 ҷадвалро дар бар мегирад.

Хулоса. рисолаи диссертатсионии Сафари Нусратулло ҳали мушкилоти мубрами рӯз яъне баланд бардоштани бехатарии геоэкологии майдони партовҳои маъданӣ ва саноатии Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор тавассути ҷорӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои экологӣ, таҳияи тадбирҳо оид ба пешгирии ифлосшавии минбаъда ва беҳтар намудани вазъи

номусоиди геоэкологиро дар бар мегирад. Харитаҳои муҳандисӣ-геологии таҳия намудаи муаллиф барои коҳиш додани таъсири хавфҳои геологӣ дар ташкилоту муассисаҳои соҳавӣ бо тарзи зарури истифода бурда мешаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии тадқиқот.** Натиҷаҳои бадастомадаро дар самтҳои зерин амалӣ кардан мумкин аст: - пешниҳодҳои таҳияшуда оид ба кам кардани таъсири манфӣ ва мониторинги геоэкологии минтақаи таъсири партовгоҳи Чоре ва қаламравҳои ҳамҷавор барои истифода дар тарҳрезии тадбирҳои экологӣ дар Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; натиҷаҳои илмии ба даст омада дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгори ба номи С. Айнии ш. Душанбе ҳангоми иҷроиши корҳои лабораторӣ ва амалӣ оид ба фанҳои "Экологияи муҳити зист", "Геоэкология", "Мониторинги экологӣ" ва "Коркарди конҳои маъданӣ" васеъ истифода мешаванд; тавсияҳои амалӣ метавонанд, ки дар истеҳсолоти геологӣ ҳангоми иҷроиши корҳои ҷустуҷӯй-геологӣ ва иктишофӣ-геологӣ дар майдонҳои зуҳуроти тилло васеъ мавриди истифода қарор гиранд.

Аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда эродҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Доир ба ҷори намудани маҷмӯи чораҳои ҳимоявӣ оид ба муҳити зист ва таҳияи чорабиниҳо оид ба бартарафсозӣ ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ хусусан дар бахши партовҳои ҷинсҳои аз маъдан холӣ мебоист маълумоти муфасал пешниҳод мегардид.

2. Дар боби 5-уми риссолаи диссертатсионӣ "Коркарди чораҳо оид ба бартараф ва коҳиш додани ифлосшавии минбаъда, беҳтар намудани ҳолати номусоиди экологӣ (ҳавои атмосферӣ ва маъданӣ) таҳлилҳо оварда нашудааст.

Эродҳои пешниҳодгардида таснифи ғайрипринсипиалӣ дошта, дар маҷмӯ сифати рисолаи илмиро коҳиш дода наметавонад.

Дар маҷмӯ рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Сафари Нусратулло дар мавзӯи "Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36. Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01) аз рӯи таркиб ва нуқтаҳои асосӣ кори илмии ба анҷом расонида, дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва ҳали мушкилоти назариявӣ буда ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори ноил гардидан ба унвони илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36. Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01) дониста мешавад.

Ташхисгарон:
и.в. мудири кафедраи геоэкологияи ДДОТ
ба номи С. Айнӣ, н.и.т. Б.Б. Шоназаров

Профессори кафедраи географияи
иқтисодӣ ва иҷтимоии ДДОТ
ба номи С. Айнӣ, н.и.г А. Ҷураев

Имзоҳои Шоназаров Б.Б. ва Ҷураев А.-ро
тасдиқ менамоям, и.в. Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ А. Мустафозода